# Хулосаи

**комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи "Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон )" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи "Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои рушди ШДХ минтақаҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ барои инкишоф додани назарияи рушди минтақавӣ дар асоси татбиқи механизми ШДХ истифода бурдан мумкин аст, ки он бояд ба баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва ҷалби ҳаҷми умумии инвеститсияҳоро фаро мегирад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар марҳилаи муосири ташаккулёбии ШДХ дар асоси амалӣ намудани сиёсати давлатии ислоҳот бевосита дар минтақаҳо гузаронида мешавад. Дар чунин шароит аҳамияти ташкили ШДХ барои муттаҳид сохтани амволи дар моликияти шаҳрвандон, симоҳои ҳуқуқӣ ва давлат буда ва дар ин замина ташкил кардани шаклҳои омехтаи моликият иҷозат дода мешавад. Бинобар ин, истифодаи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар амалигардонии лоиҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ норасоии маблағгузориро рафъ карда, самаранокии лоиҳаҳои амалишавандаро баланд бардошта метавонад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки захираҳои шарикии давлатию хусусӣ метавонад истифодаи оқилонаи имкониятҳои эҳтимолии иқтисодиёти миллӣ ва минтақавиро барои ноил гардидан ба рушди иқтисодиёт дар дурнамои дарозмуддат таъмин кунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули

диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараыацои илмии номзади илм ва доктори илм, ки бо карори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, тахти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои асосие, ки навоварии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, инҳоанд:

– мукарраротӣ консептуалӣ дар бораи шарикии давлатию хусусӣ таҳқиқ шуда, дар асоси он ба моҳияти ин мафҳум дар сатҳи минтака тасҳеҳ ворид карда шудааст. Мувофики он: “ШДХ механизми сиёсати иктисодӣ буда, иҷрои вазифаҳои давлатро дар минтақаи алоҳида пурзӯр менамояд ва ба шарти судманди мутақобила ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иктисодро бо роҳи ҷалб намудани дороиҳои моддӣ, ғайримоддии аҳолӣ ва бизнес-сохторҳоро таъмин менамояд”;

– бисёрҷанбагии шаклҳои ШДХ, ки муносибатҳои умумии шарикиро то шартномаҳо ва корхонаҳои муштарак (карордод; лизинг; созишнома; карордоди инвеститсионӣ; консепсияҳо; саҳомигардонӣ; иштироки саҳмӣ дар сармоя ва ғайра) дарбар мегирад, мудаллал сохта шудааст. Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти ШДХ гуруҳбандӣ намуда, тибқи он нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ШДХ-ро аз ҷониби манфиатҳои давлатӣ аз нуктаи назари шарикӣ барои арзёбӣ намудан имкон медиҳад, асоснок карда шудааст;

– таҷрибаи мамолики хориҷаи дур (Британиёи Кабир ва Олмон) ва хориҷаи наздик (Русия, Ӯзбекистон, Казоқистон) дар самти истифодаи самараноки ШДХ ҷамъбаст карда шудааст. Дар асоси он дар шароити муосири рушди кишвар таҷрибаи давлатҳои Русия, Ӯзбекистон ҷолиби диккат ва қабул аст, ки ташкили ШДХ-ро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ бештар рушд додааст, мувофики максад мебошад;

– муайян карда шудааст, ки шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бештар дар пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ, яъне дар низоми маориф, тандурустӣ, варзиш рушд ёфтааст. Гуруҳбанди карда шудааст, ки дар самти соҳаи маориф дар паҳншавии ҳамкории ШДХ шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан, н. Ашт пешкадам мебошанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, ноҳияҳои Шаҳристон, Зафаробод, Деваштич, Спитамен мавқеи миёна доранд. Дар самти бунёди кӯдакистонҳо дар гурӯҳи пешқадам шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Исфара, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров; дар сатҳи миёна ноҳияи Зафаробод, шаҳри Бӯстон, дигар шаҳру ноҳияҳо бошанд, ақибмонӣ доранд, дар соҳаи варзиш ноҳияи Мастчоҳ пешқадам, шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд, ноҳияи Деваштич дар ҳолати миёна, дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи паст карор доранд;

– ошкор гардидааст, ки дар амалишавии ҳадафи стратегии давлатӣ, яъне “саноатикунонии босуръат” ҳар як минтақа ба ШДХ ниёз дорад ва дар вилояти Суғд ин ҳолат дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Дар ҳамкории бахши хусусӣ бо сармояи худ, бахши давлатӣ бо пешниҳоди китъаи замин ройгон, озод кардан аз пардохти воридоти техника, технология, имтиёзҳои андозӣ, маъмурӣ ширкат меварзад. Сабабҳои рушд наёфтани ШДХ дар соҳаи саноати минтақа муайян карда шудааст: а) норасоии кадрҳои баландихтисос оид ба коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсионӣ; б) нобоварӣ ба сектори хусусӣ ё ин ки ба сектори давлатӣ; в) мавҷудияти элементҳои коррупсионӣ;

– муайян карда шудааст, ки ҳаҷми маблағгузорӣ ба нишондиҳандаи рушди ШДХ баҳри арзёбии он модели иқтисодию – математикии бисёромила коркард шудааст. Муайян гардидааст, ки рушди шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар иқтисодиёти муосири вилояти Суғд ҳоло бештар аз тағйирёбии чунин нишондиҳандаҳои омилӣ, яъне тамоюли шумораи корхонаҳои муштарак ва аз ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ пайвастагии зиёд дорад;

– муайян карда шудааст, ки инкишофи ШДХ дар минтақаҳо чун манбаи баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ баромад мекунад. Дар ин асос самти ҳавасмандгардонии ташаккули ШДХ пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, беҳтар намудани муҳити институтсионалӣ; ташаккули институти кластерҳои соҳавӣ дар асоси шарикии бизнес ва сохторҳои ҳукуматӣ; такмили асосҳои ҳуқуқӣ. Алгоритми ҳамкории мутақобилаи субъектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар минтақа пешниҳод карда шудааст. Дар асоси он маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ки ба беҳтар намудани ҳамкории бахши давлатӣ ва бизнес-сохторҳо равона мегардад, тавсия шудааст;

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, ки асоси методии онро асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил мекунанд, ки ба масъалаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** Кулли марҳилаҳои навишти диссертатсия бевосита бо иштироки муаллиф, яъне сохти нақшаи он, иҷроиши нақшаи тадқиқот, аз ҷумла, таҳияи мундариҷаи мавзуъ, асосноксозӣ ва муҳимияти он, мақсад ва вазифаҳои рисола ва ғайра гузаронида шудааст. Муаллиф ҳиссаи назаррасро дар коркарди механизмҳои ҳамкории давлатӣ ва хусусиро дар сатҳи иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир гузоштааст. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳои оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти тадқиқоти илмӣ.** Аҳамияти назариявӣ дар он аст, ки муқарраротҳои илмии дар диссертатсия коркардгардида барои инкишоф додани назарияи рушди минтақавӣ дар асоси татбиқи механизми ШДХ истифода бурдан мумкин аст, ки он бояд ба баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва ҷалби ҳаҷми умумии инвеститсияҳо мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои онро Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои калонмиқёс дар асоси ШДХ дар сатҳи минтақа дар коркарди барномаҳои дахлдори давлатӣ истифода бурда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқ мумкин аст дар инкишофи соҳаҳои инфрасохтор дар вилояти Суғд бо назардошти татбиқи шарикии давлатию хусусӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Коркардҳои методии муаллиф дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, аз ҷумла дар фаъолияти Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифтаанд. (маълумотнома таҳти №82/1 аз 29.06. 2022)

Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқи илмӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии вилояти Суғд, аз ҷумла Донишкадаи иқтисодиёт ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудаанд. (маълумотнома таҳти №522 аз 21.06. 2022)

Хулосаҳои илмии алоҳидаи диссертатсияро дар низоми тайёрӣ ва бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти чунин ихтисосҳо, аз қабили иқтисодиёти минтақа, менеҷмент, идоракунии давлатию минтақавӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмии нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Тухсанбоева Х.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Тухсанбоева Х.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67,69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки

бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна дар мавзуи "Такмили шарикии давлатию хусусӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмиҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шаванд;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини сардори раёсати ислоҳоти иқтисодии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ;

- **Ҳоҷаев Парвиз Давронович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

3. Барои нашри эълон ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — **Исмоилов М.М.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент — **Шокиров Р.С.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
узви шӯрои диссертатсионӣ — **Самадова З.А.**

Имзои Исмоилов М.Р. ва Шокиров Р.С. – ро тасдиқ менамоям:
котиби шӯрои диссертатсионӣ ____________ Самадова З.А.

"16" 02 2023